**Дастурамал**
**оиди пур кардани ҳисоботи шакли №7а – кишоварзӣ(гармхона)**
**«Ҳисобот дар бораи майдонҳои кишт ва ҷамъоварии ҳосили зироатҳо аз гармхона»**

Ҳисоботи шакли №7а – кишоварзӣ (гармхона)-ро ҳамаи хоҷагиҳои кишоварзӣ сарфи назар аз шакли моликияташон ба мақомоти омори маҳалли ҷойгирифтаашон ба 1- уми январ - декабр пешниҳод менамоянд.

Гармхона - бинои ҳимоятшуда (пӯшида), ки барои парвариши парвардаҳо (кучат) ва зироатҳои кишоварзӣ дар ҳамаи фаслҳои сол истифода бурда мешавад. Ҳисобот дар асоси ҳуҷҷатҳои аввалияи муҳосибӣ пур карда мешавад. Ба маҳсулоти гармхона истеҳсоли ҳамаи маҳсулотҳо, ки дар гармхона кишт ва парвариш карда мешавад, дохил карда мешавад.

Майдонҳои кишт ва ҳосили зироатҳо аз гармхона ба ҳисоботи шакли 7-кишоварзӣ «Ҳисобот дар бораи рафти ҷамъоварии ҳосил, кишти зироатҳои тирамоҳӣ ва шудгори тирамоҳӣ» дохил карда намешавад.

Дар ҳисоботи омории шакли 1-МУК «Маълумот дар бораи маҳсулоти

умумии кишоварзӣ» ҷамъи истеҳсоли маҳсулотҳо аз замини кушод 7-кишоварзӣ бо истеҳсоли маҳсулотҳо аз гармхона 7а – кишоварзӣ (гармхона) нишон дода мешавад.

Майдони кишти зери плёнка ба майдони гармхона дохил карда нашуда ҳамчун маҳсулотҳо аз замини кушод нишон дода мешавад.

Ҳисобот бо ҷамъи афзоянда пур карда мешавад. Дар сатри 01 ҳамагӣ майдони кишти зери гармхона нишон дода мешавад.

Дар сатри 02 майдони кишти сабзавот ва дар сатри 03 ҳосили ҷамъоваришудаи сабзавот нишон дода мешавад. Аз ҷумлаи сабзавотҳо дар сатри 04 майдони кишти бодиринг ва дар сатри 05 ҳосили ҷамъоваришудаи бодиринг, дар сатри 06 майдони кишти помидор ва дар сатри 07 ҳосили ҷамъоваришудаи помидор, дар сатри 08 майдони кишти дигар намуди сабзавотҳо(каду, турб, қаламфури булғорӣ, кабудиҳо) ва дар сатри 09 ҳосили ҷамъоваришудаи дигар намуди сабзавотҳо нишон дода мешавад.

Дар сатри 10 майдони кишти парвардаҳо ва дар сатри 11 миқдори парвардаҳои истеҳсолшуда (новобаста аз он, ки барои фурӯш ё ба замини кушод гузаронидан) нишон дода мешавад.

Дар сатри 12 майдони меваҳои ситрусӣ ва дар сатри 13 ҳосили ҷамъоваришудаи ситрусӣ, дар сатри 14 майдони буттамевагиҳо

(марминҷон, қулфинай, тути заминӣ) ва дар сатри 15 ҳосили ҷамъоваришудаи буттамевагиҳо нишон дода мешавад.

Дар сатри 16 майдони кишти гулҳо ва дар сатри 17 шумораи гулҳои истеҳсолшуда (новобаста аз он, ки барои фурӯш ё гулзоркунӣ) нишон дода мешавад.

Дар хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ нишондиҳандаҳои ҳисоботи шакли 3-кишоварзӣ майдонҳои кишти такрорӣ(ба 1 июн-сентябр) ва барвақтӣ (ба 1 октябр-январ) вобаста ба давраи кишти зироатҳо нишон дода шуда ҳисоботи шакли 7а-кишоварзӣ (гармхона) илова карда мешавад.

Барои хоҷагиҳои аҳолӣ майдонҳои кишти гармхона аз рӯи мушоҳидаҳои омории шакли 1-ХА «Майдони кишти зироатҳо дар хоҷагиҳои аҳолӣ» ва ҷамъоварии ҳосил аз рӯи мушоҳидаҳои омории шакли 2-ХА «Ҷамъоварии ҳосили зироатҳо дар хоҷагиҳои аҳолӣ» пур карда мешавад.

Ҳисоботҳо бояд бо имзои роҳбар ва сармуҳосиб тасдиқ карда шуда, дар мӯҳлати муайяншуда пешниҳод карда шаванд.

Шахси имзокунанда барои эътимоднокии маълумотҳои ҳисобот ва дар сари вақт пешниҳод намудани он ҷавобгар мебошанд.